# ҚОИДАҲОИ ОЛИМПИАДА

Олимпиада 3 соати астрономӣ идома меёбад. Агар дар рафти олимпиада иштирокчӣ аз назар нопадид шавад, он гоҳ бояд ӯ корро қатъ кунад ва дар муддати кутоҳтарин ҳалҳои худро (“скан” ё фотосурат) ба кумитаи тадорукот тавассути почтаи электронии parviz06@list.ru ва ё мессенҷерҳои: Telegram, WhatsApp ва IMO: (+992)-918-51-75-70 ирсол намояд. Дар сурати аз 5 дақиқа зиёд тӯл кашидани ин раванд кори ин иштирокчӣ ба инобат гирифта намешавад.

Аз ҷониби иштирокчиёни олимпиада истифодаи калкулятор ва роҳнамо қатъиян манъ аст.

Агар ба иштирокчии олимпиада аз ҷой хестан лозим ояд, ӯ бояд корро қатъ кунад ва ҳалҳои худро фавран ба кумитаи тадорукот фиристонад.

Ба иштирокчиён 6 масъала пешниҳод карда мешавад. Холи умумии максималӣ ба 50 баробар аст. Азбаски сатҳи мураккабии масъалаҳо гуногун аст, бинобар ин холи максималӣ ба таври номунтазам ба миқдори масъалаҳо тақсим шудааст.

Агар формула ва ё қоидаҳое, ки барои ҳалли масъала лозиманд, оварда шаванд ва ҳалли масъала аз оғоз то анҷом бо шарҳу тавзеҳот пурра оварда шуда, ҷавоби дурусти масъала ёфта шуда бошад, он гоҳ холи максималӣ барои ин масъала гузошта мешавад.

Агар ҳалли масъала шурӯъ шуда, вале ба анҷом нарасида бошад, он гоҳ холгузорӣ вобаста ба он, ки чанд фоизи масъала ҳал шудааст, сурат мегирад. Масалан, агар 50% -и масъала ҳалшуда арзёбӣ гардад, он гоҳ мувофиқан 50% -и холҳои барои ин масъала пешбинишуда гузошта мешавад.

Дар сурате, ки ғояи ҳалли масъала зикр гардида, формула ва ё қоидаҳои дахлдор оварда шудаанд, барои ҳалли масъала 1 хол гузошта мешавад.

Агар формула ва ё қоидаҳое, ки барои ҳалли масъала лозиманд, оварда шаванд, вале дар бораи ҳал сухане гуфта нашуда бошад, он гоҳ дар ин сурат хол гузошта намешавад.

Миқдори ҷойҳои ифтихорӣ, яъне ҷойҳои якум, дуюм ва сеюм пас аз тафтиши корҳо муайян карда мешавад. Ҳайати доварон, вобаста ба натиҷаи бадастовардаи иштирокчиёни олимпиада, метавонад, ки то 30%-и иштирокчиёнро ғолиб эълон кунад.

Инчунин, ғолиби мутлақи олимпиада эълон карда мешавад.

Ба ҳар як иштирокчӣ сертификати иштирок бо имзои ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода мешавад.

Ба нафароне, ки тибқи хулосаи ҳайати доварон ҷойи якум, дуюм ва сеюмро сазовор мешаванд, мувофиқан дипломҳои дараҷаи якум, дараҷаи дуюм ва дараҷаи сеюм тақдим мегарданд. Ба ғолиби мутлақи олимпиада дипломи ғолиби мутлақ тақдим мегардад.

Натиҷаи пешакии олимпиада рӯзи 24.11.2023 на дертар аз соати 14-00 бо вақти Душанбе дар сомонаи факултети механикаю математика ҷойгир карда мешавад. Агар ягон нафар аз натиҷаи бадастовардааш розӣ набошад, метавонад ба ҳайати доварон бо нишониҳои дар боло овардашуда то соати 16-00-и рӯзи 24.11.2023 муроҷиат намояд. Натиҷаи ниҳоӣ соати 17-00 – и рӯзи 24.11.2023 дар сомонаи зикргардида гузошта мешавад.

Маросими эълони ғолибҳо ва пӯшидашавии олимпиада рӯзи 25.11.2023, соати 10-00 баргузор мегардад.

Агар доир ба олимпиада саволе пайдо шавад, метавонед тавассути нишониҳои дар боло овардашуда муроҷиат кунед ва шахсони масъул фавран ба саволи шумо ҷавоб медиҳанд.

Тартиби ҳалли масъалаҳо ягон нақшро намебозад. Инчунин, шумо метавонед шарти масъалаҳоро нанависед. Забони ҳалли масъалаҳо бояд тоҷикӣ ё русӣ ва ё англисӣ бошад.

Ба ҳамаи иштирокчиёни олимпиада барори кор ва муваффақият таманно мекунем.

**Ҳайати доварон**